Бо қарори   Шурои методии Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон»
аз  «______» _____с. 2025№ ________
тасдиқ шудааст

# Низомномаи
## ШУЪБАИ ТАҲИЯ, НАШР, ТАШХИС ВА ТАЪМИНИ КОРҲОИ ИЛМӢ - МЕТОДИИ МАРКАЗИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАЪЛИМИЮ МЕТОДИИ НАЗДИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Душанбе - 2025

# 1.МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.Низомномаи шуъбаи таҳия, нашр, ташхис ва таъмини корҳои илмӣ - методӣ (минбаъд шуъба) воҳиди сохтории Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ дар асоси Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” ва Оинномаи Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.01.2025, №1401 тасдиқ шудааст, таҳия гардида, бо мақсади татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи маориф, назорату такмили мазмуну мундариҷаи таълим, расонидани ёрии амалии таълимию методӣ ба омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон, омӯзиш ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ, татбиқи методу усулҳои нави таълим дар раванди таълиму тарбия, баланд бардоштани сифати таҳсилот, инчунин, бо мақсади таҳия, нашр, ташхис, таҳлил ва таъмини омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ бо дастурҳои методӣ, маводи таълимӣ таъсис дода шудааст.

# 2.СОХТОР ВА ТАРТИБИ ТАШКИЛИ ШУЪБА ВА ФАЪОЛИЯТИ ШУЪБА

5. Мувофиқи ҷадвали корӣ дар сохтори шуъба 3 нафар корманд фаъолият менамоянд, ки директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд:

мудири шуъба
сармутахассис
мутахассиси пешбар
китобдор

6. Шуъбаро мудир роҳбарӣ менамояд ва аз тарафи директори Маркази ҷумҳуриявии таълмию методӣ тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад. Мудири шуъба аз рӯйи вазифаҳои ба зиммаи шуъба гузошташуда масъул мебошад.

Сармутахассис, мутахассиси пешбар ва китобдор сохтори шуъбаро ташкил мекунанд, ки тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи директори Маркази ҷумҳуриявии таълмию методӣ ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешаванд.

7. Мудири шуъба тамоми фаъолияти кории шуъбаро роҳбарӣ намуда, аз номи шуъба баромад менамояд.

# 3.ВАЗИФАҲО ВА САМТҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ШУЪБА

8. Шуъба масъалаҳоро барои баррасӣ дар Шуро ва маҷлисҳои назди директор ба нақшаи корӣ ворид месозад.

9. Расонидани ёрии амалӣ дар гузаронидани чорабиниҳои методӣ (конференсияҳо, мизҳои мудаввар, семинарҳои дастурдиҳӣ,озмун ва ғайраҳо)

10. Таҳия, нашр, ташхис ва таъмини корҳои илмӣ - методӣ.

11.Омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогӣ, истифодаи технологияи инноватсионӣ аз ҷониби омӯзгорон дар раванди таълим, ташвиқу тарғиби он дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо мақсади баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон.

12. Ба раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо дар самти таҳия, ташхис ва таъмини онҳо бо маводи таълимию методӣ кумак мерасонад.

13. Иҷрои мунтазами супоришҳои директорро таъмин мекунад.

14. Дар ҳамкорӣ бо омӯзгорони пешқадами муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ маводи аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидан ва хатмро омода менамояд.

15. Ҳамкории зичро бо дигар шуъбаҳои Марказ, шуъбаву раёсатҳои марбутаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо нашрияи "Маориф" ва Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон самаранок ба роҳ мемонад;

## 4.ҲУҚУҚҲОИ ШУЪБА

16. Сохтор ва басти воҳидҳои кории шуъбаро барои тасдиқ ба роҳбарияти Марказ пешниҳод менамояд.

17. Дар ҳолатҳои зарурӣ маводҳои зарурлиро ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пешниҳод мекунад.

18.Иштироки фаъолонаи кормандони шуъбаро дар чорабиниҳои сатҳи Марказ ва дигар зерсохторҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳия ва барои ба нашр омода намудани барномаву дастурҳои методӣ таъмин менамояд.

19. Интизоми меҳнатро дар байни кормандони шуъба зери назорат қарор медиҳад.

## 5.МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

20. Низомномаи мазкур дар ду нусха тартиб дода шуда, нусхаи якум дар хадамоти кадрӣ нигоҳ дошта шуда, нусхаи дуюми он аз тарафи хадамоти кадрӣ ба мудири шуъба бо гирифтани имзо, сабти ному насаб ва гузоштани сана супорида мешавад.

21. Ҳангоми ба таври ҷиддӣ тағйир ёфтан, азнавташкилдиҳии шуъба ё Марказ ва дигар ҳолатҳое, ки боиси тағйир ёфтани Низомномаи шуъба мегарданд, Низомнома аз нав таҳия ва тасдиқ карда мешавад.